Б. БОЙНАЗАРОВ, М. ДОВУТОВА,
Д. ҲАЛИМЗОДА, Г. РАҶАБАЛИЕВА

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Китоби дарсӣ барои синфи 4-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Нашри сеюм

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

**УДК 373. 167.1**
**ББК 74.202.66**
**Б-86**

**Б-86.** Бойназаров Б., Довутова М., Ҳалимзода Д., Раҷабалиева Г. **Санъат ва меҳнат.** Китоби дарсӣ барои синфи 4-ум. Душанбе. Маориф. 2018. 88 саҳ.

## Хонандагони азиз!

Китоб манбаи донишу маърифат аст.Аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

## Ҷадвали истифодаи китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 978-99947-1-609-8
© МАОРИФ, 2018
Моликияти давлат

# ДАРСИ 1
## МАВОД ВА АСБОБҲОИ КОРӢ

Барои иҷрои супоришҳо маводду асбобҳои корӣ: коғаз, картон, матоъ, ресмон, баргу шохча, меваи дарахтон, пӯчоқи тухм, пари парандагон, рангҳои гуашу акварелӣ заруранд.

Барои иҷрои амалҳо аз коғазу картони махсус истифода бояд бурд. Илова бар ин, коғазҳои гуногун, муқоваю варақҳои холимондаи дафтарҳои истифодашударо низ кор фармудан муфид аст. Картонро аз қуттиҳои холии чой, қанд ва ғайра ҷамъ карда метавонем.

Дар сайругашт баргу шохча ва меваи баъзе дарахту буттаҳо, пари парандагон,сангчаҳои гуногунҳаҷм ва монанди инҳоро ҷамъ овардан лозим аст. Маводди ҷамъовардаро дар халтачаю қуттиҳо андохта, дар ҷевони синф бояд гузошт. Вобаста ба мавзӯи дарс онҳо истифода мешаванд.

Барои иҷрои супоришҳои дарси санъати тасвирӣ ғайр аз қалами ранга гуаш ва рангҳои акварелӣ низ зарур аст.

Асбобҳое, ки дар дарсҳои “Санъат ва меҳнат” истифода мешаванд: қайчӣ, корди махсус, дарафш, сӯзан, қалам, мӯқалам, хаткашак, хатпоккунак, тахтаи махсуси корӣ ва монанди инҳо мебошанд. Ҳамаи асбобҳои зарурӣ бояд дар ҷевон нигоҳ дошта шаванд.

Ҳангоми машғулият маводди корӣ дар тарафи дасти чап, асбобҳо дар тарафи дасти рост гузошта мешаванд.

Агар дар атрофи як миз ду ва ё зиёда хонанда нишаста бошад, маводду асбобҳои корӣ дар байн гузошта мешаванд. Маводду асбобҳои кориро дуруст бояд истифода бурд.

**Савол ва супориш.** Маводди кории дарсҳои “Санъат ва меҳнат”-ро номбар кунед.

Барои иҷрои супоришҳо маводди зарурӣ захира намоед.



# ДАРСИ 2

## САЁҲАТ

Пеш аз ба сафар баромадан макону нақшаи саёҳат ва мақсади худро муайян кунед. Ҳангоми ба саёҳат баромадан бо рафиқони худ эҳтиёткор бошед, то нохушие рӯй надиҳад. Ба нақли омӯзгор, мутасаддиёни саёҳат бодиққат гӯш диҳед. Ба тартиби кори мутахассисон, истифодаи асбобҳои корӣ (мошинҳо, комбайнҳо, техникаи дигар) эътибор диҳед. Агар имконият бошад, барои корҳои амалӣ маводди зарурӣ ҷамъ намоед. Макону мақсади саёҳат, чизҳои дидаю шунидаатонро дар ҷадвали зерин дарҷ намоед.

| Макони саёҳат | Мақсади саёҳат | Таассурот |
|---|---|---|
| | | |

## ДАРСҲОИ 3-4

## СОХТАНИ ШАКЛИ ПАРАНДАҲО ВА КАШИДАНИ РАСМИ ОНҲО



Муайян намоед, ки ин ду паранда бо кадом узвҳояшон фарқ мекунанд?

Баъд аз мушоҳидаи расмҳо шакли ягон парандаро созед ва тасвир намоед.

Шакли парандаро аз маводди зерин сохтан мумкин аст:

1) ҷалғӯза;

2) чӯбчаҳо;

3) гил ё пластилин;

4) пари паранда

Супориш:. Баъд аз дарс, дар ҳолати мувофиқ, донхӯрии парандагонро мушоҳида намоед.

## ДАРСИ 5
## ТАСВИРИ МАНЗАРА

Табиат дорои рангҳои ҷилодор, тароват нафосати хос ва нотакрор аст, ки сарчашмаи зебоиҳои дунёи рангин мебошад.

Ҳангоми тасвири манзара, ки хоси рангинии табиат аст, диққати асосиро ба дуруст дарк намудани фарқи рангҳо ва моҳирона тасвир намудани зебоии аслии манзара равона созед.

Барои мароқовар шудани расм бори дигар манзараи тасвиршударо бо хатҳои пурмазмун, ки расмро пурқувват ва дурахшон мегардонад, оро диҳед. Азбаски манзараи табиат бо обу ранги худ ҷиҳатҳои фарқкунанда дорад, кӯшиш намоед, ки тасвиратон гуногунӣ ва ҳамоҳангии рангҳои манзараро фаро гирад.

Тасвирро тарзе ба анҷом расонед, ки манзараи зебою рангини оламро ба хотир орад.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*

## ДАРСҲОИ 6-7

## СОХТАНИ МИЗУ КУРСӢ БО ОРОИШИ НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛӢ

Мизу курсии дар расм бударо аз назар гузаронед расми (1).



Расми 1

Барои сохтани миз коғази (вараќи) нисбатан ғафсеро интихоб намуда, аз он мувофиқи андозаи зерин чоркунҷа ҳосил намоед (расми 2).Чоркунҷаи ҳосилшударо мувофиқи расми 3 қат кунед.



*Расми 2*



*Расми 3*

Аз нақшҳои минбаъда истифода бурда миз созед (расмҳои 4, 5, 6).




*Расми 4*



*Расми 5*



*Расми 6*

Болои мизро  бо нақшу нигори миллӣ оро диҳед (расми 7).



*Расми 7*

Курсиро низ аз рӯйи нақшаи барои миз истифодабурдаатон (танҳо ҳаҷман хурд) сохтан мумкин аст (расмҳои 8, 9, 10, 11, 12 ).

Порчаи коғази интихобкардаатонро ба шакли чоркунҷа да-

роварда (расми 9), пас онро ба қисмҳо қат намоед. Барои осон шудани иҷрои супориш ба қисмҳо рақам гузоред.




*Расми 8*




*Расми 9*




*Расми 10*



*Расми 11*



*Расми 12*

## ДАРСИ 8

## КОРҲОИ ОРОИШӢ. АНГОРАИ СӮЗАНӢ

Сӯзанӣ яке аз намудҳои махсуси гулдӯзии тоҷикӣ буда, онро барои ороиши манзилгоҳ истифода мебаранд. Накшу нигорҳои сӯзанӣ гуногуншакл: бо гулу барг ва парандагон тасвир карда мешаванд.

Зебоӣ ва нафосати сӯзанӣ вобаста ба дурахшонии таносуби

рангҳо аст. Хоҳед, ки чунин сӯзаниҳоро эҷодкорона оро диҳед, бо ҳунарҳои устодони маҳаллаатон шинос шавед. Барои зебо омода сохтани нақшу нигори сӯзанӣ кӯшиш намоед. Пас аз тасвир бо қалам ҷузъҳои сӯзаниро дурустар санҷида, пайвастшавии хатҳои нақшро пурқувват намоед. Бо рангҳои дилхоҳатон корро ба анҷом расонед.









# ДАРСҲОИ 9-10

## СОХТАНИ АСБОБИ ТАЪЛИМИИ «САРСУТУН (АБАК)-И ЗАБОН»

Расми зеринро аз назар гузаронед (расми 1).



Расми 1

Чунин сарсутун (абак)-ро аз рӯйи нақшаҳои зерин тайёр кунед.

Вараќи албомро ба ду ҳиссаи баробар тақсим карда, қуттичаҳо созед (расмҳои 2, 3, 4).



Расми 2



Расми 3



Расми 4

Оё тартиби иҷрои кор нодуруст аст? Ба ин диққат диҳед.

1. Аз рӯзнома ва варақаи одӣ чунин дастаҳо созед (расми 5).



Расми 5

2. Тасмачаҳои коғазӣ бурида дар он калимаю ҳиҷоҳо ё ҷумлаҳо нависед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Шодӣ | Шо-дӣ | Ҳо-дӣ | Ҳодӣ... |

3. Қисмҳои тайёркардаатонро бо ҳам пайваст намуда, сарсутун (абак) созед ва онро ба хонандагони синфи якум туҳфа кунед.

## ДАРСҲОИ 11-12
## НАТЮРМОРТ. КИТОБ ВА БАРГ

Дар вақти тасвир кӯшиш кунед, то натюрморт дар коғаз дуруст ҷойгир карда шавад. Фарқи тарафҳоро низ ба эътибор гиред. Ҳангоми бо ранг кор кардан, ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор диҳед, ки шаффофии рангҳо ва тобишу хосияти тозагии онҳо дар расм намудор шавад. Тарзи иҷрои амалро аз расмҳои 1, 2, 3 омӯзед.





*Расми 1*



Расми 2



Расми 3

# ДАРСИ 13
## ТӮРБОФӢ

Аз замонҳои қадим инҷониб одамон ба тӯрбофӣ машғуланд. Бештар моҳидорон ба тӯрбофӣ сару кор доранд. Аз кӯлу дарё, баҳру уқёнусҳо маҳз бо ёрии тӯр моҳӣ мегиранд.

Солҳои охир дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз тӯрҳо васеъ истифода мебаранд. Онҳоро чӣ дар кори боғдорӣ, чӣ дар обчакорӣ ва инчунин дар корҳои маишӣ (ба сифати борхалта) истифода мебаранд. Якчанд шакли тӯрҳои бофташударо аз назар гузаронед.



Расми 1



Расми 2



Расми 3



Расми 4

Оё мушоҳида кардаед, ки тӯрҳои дар расмҳои 1, 2, 3, 4 бударо чӣ тавр бофтаанд?

Табиист, ки барои бофтани тӯр олоти гуногуни корӣ заруранд:



Расми 5

Олоти кории дар расми 5 бударо дар мавридҳои муайян ба кор мебаранд.

# ДАРСИ 14
# КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Барои кашидани расм истеъдоди хуби офарандагӣ зарур аст. Барои ҳамин композитсияи бадеиро тарзе ба қалам диҳед, ки манзараи боғ, сабзазор тасвир ёфта, одамон ба ҷамъоварии ҳосил машғул бошанд.

Дар мавриди бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки зебоии атрофро бо тобиши рангҳои зард, ҷигарӣ, сурх, норанҷӣ ва дигар рангҳо тасвир созед. Манзараи табиат дар ин маврид аз гуногунии рангҳо зебо мегардад. Кӯшиш намоед, ки зебогии манзараи табиат дар тасвир акс гардад.



Расми 1



Расми 2



Расми 3

# ДАРСИ 15
## БО РАССОМ ШИНОС МЕШАВЕМ

Қарорӣ Зокиров соли 1929 дар ноҳияи Конибодом, дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Аз навозиши гарми падару модар ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ бенасиб гаштааст. Таҳсилро дар ятимхонаи ноҳияи Шӯрқӯрғон оғоз намудааст. Пас аз хатми синфи 7 Қ. Зокиров  дар корхонаии Шӯроб харрот* шуда кор мекунад.

Соли 1946 барои таҳсил ба омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Душанбе меояд. Аз рӯзҳои аввали таҳсил ҳамчун шахси ҳунарманд аз рафиқонаш фарқ мекард. Дар дилаш орзу дошт, ки таҳсилро дар донишкада давом диҳад. Соли 1951 ба факултети ҳайкалтарошии омӯзишгоҳи олии рассомию истеҳсолии ба номи Мухини шаҳри Ленинград ҳоло (Санкт - Петербург) дохил мешавад. Соли 1957 ба Душанбе баргашта меояд.

Қ. Зокиров ҳамчун рассоми боистеъдод дар ҳама соҳаҳои эҷодӣ  маълуму машҳур аст. Ҳамчун рассом ва ҳайкалтароши бомаҳорат ҳанӯз солҳои 60-ум худро нишон дод. Дар эҷодиёти ӯ образҳои классикӣ таҷассум гардидаанд. Бисёр пайкараҳои тарошидаи  ӯ ба мавзӯъҳои лирикӣ ва таърихии халқҳои ҷаҳон, ки баҳри озодӣ мубориза мебурданд, бахшида шудааст.



Дар пайкараи «Суруд» рассом эҳёи оҳангу суруди анъанавии мардуми моро тараннум намудааст. Дар он чеҳраи пурнуру нигоҳи пурмазмун, зебоии маънавии инсонро акс кардааст. Аз композитсия маълум мегардад, ки рассом онро бо як эҳсосоти баланди шоирона ва хаёлоти рангину илҳоми саршор эҷод намудааст.



## ДАРСҲОИ 16-17
## АЗ РӮЙИ НАҚША СОХТАН ВА ТАСВИРИ МОДЕЛИ ЭКСКАВАТОР

Шумо экскаваторро дидаед? Кадом корҳоро бо экскаватор анҷом медиҳанд? Экскаватор аз кадом қисмҳо иборат аст? Тирчӯб (стрела)-и он кадом вазифаро адо мекунад? Кафлез (ковш) чӣ корро анҷом медиҳад?

Расми зеринро аз назар гузаронед (расми 1).



Расми 1



Расми 2

Дар охир қисмҳои сохтаатонро ҷобаҷо карда, экскаватор созед. Барои инкишоф додани эҷодкорӣ расми модели экскаваторро тасвир намоед (расми 3).




Расми 3

1. Тана
2. Тирчӯб (стрела)
3. Кафлез (ковш)
4. Сатҳ
5. Чарх
6. Мил

Аз рӯйи нақшаи зерин қисмҳои (1, 2, 3, 4, 5, 6) экскаваторро созед.

## ДАРСҲОИ 18-19
## ТАСВИРИ МЕВАҲО.
## СОХТАНИ МЕВАҲО АЗ КОҒАЗҲОИ РАНГА

Тасвирро тарзе ба қалам диҳед, ки ашё дар коғаз дуруст ҷой дода шаванд. Расмро аз хатҳои борик оғоз намоед, ки тасвири тахминии шакли умумии ашёро намоён кунад. Дар асоси ин хатҳо шакли аслии ашёро муайян сохта, кӯшиш кунед, ки тасвир дақиқтару мароқовар акс гардад.

Ҳангоми бо ранг кор кардан зарур аст, ки хатҳои иловагиро аз расм пок намоед. Сипас бо рангҳои равшан ашёи калонҳаҷмро тасвир созед. Ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор диҳед, ки шаффофии рангҳо дар тасвир намудор шавад.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*



*Расми 5*



*Расми 6*



*Расми 4*



*Расми 5*



*Расми 6*



*Расми 7*



*Расми 8*



*Расми 9*

Барои сохтани меваҳо коғази рангаро ба шаклҳои чоркунҷа омода сохта шакли меваро тасвир намуда бо қайчӣ буред.

1. Қоғазро 4 қат намуда мебурем.

2. Боз аз мобайн ба дарозӣ ду қат намуда дар нимаи он ними меваро кашида мебурем. Аз як коғаз 4 қисмати мева мебарояд, ҳар 4 қисмашро бо ҳам ширеш карда, як мева тайёр мекунем.

3. Аз коғази сафед дар қисмати поёни мева 4 даврача бурида мечаспонем, донаҳоро бо фломастери сиёҳ мекашем.



Корро аз рӯйи расм иҷро карда кӯшиш намоед, ки дар асоси рангҳои сурх, сабз, сафед ва дигар рангҳо ин амали корро ба анҷом расонед.



# ДАРСҲОИ 20-21
## САЁҲАТ. ТАСВИРИ МАНЗАРАИ АТРОФ

Нақшаи саёҳатро мувофиқи шароити маҳалли худ тартиб диҳед. Дар макони интихобкардаатон мушоҳида кунед, ки одамон кадом корҳоро анҷом дода истодаанд. Оё чунин корҳо дар мактаби шумо мавҷуданд ва онҳоро киҳо иҷро мекунанд? Корҳои дар хона ё мактаб дидаатонро бо корҳои саҳроӣ муқоиса намуда, лаҳзаҳои навро дар хотир гиред ё мухтасар эзоҳи хаттӣ диҳед. Сипас ба тасвири манзара пардозед.



Расми 1



Расми 2



Расми 3



Расми 4



Расми 5

Маҳалле, ки шумо дар он ҷо  зиндагию таҳсил мекунед, бояд дар расмҳоятон ба таври ҳақиқӣ тасвир шавад. Диққати асосиро ба ҷиҳати эстетикии табиати рангини гирду атроф, зебоии набототт, парвозу садои парандагон  ва дарахтони тирамоҳи заррин равона кунед. Ба тобишҳою рангҳое, ки дар манзараи фасли тирамоҳи заррин хеле зиёданд, бодиққат нигаред. Сипас, ин манзараи рангин ва олами афсонавиро тасвир намоед.

Ҳангоми тасвир аз расми китоб низ метавонед истофода баред.

## ДАРСИ 22

## СОХТАН ВА ТАСВИРИ БЕШАЗОР

Расмҳои зеринро  аз назар гузаронед (расми 1).



Расми 1

Шакли якумро ин тавр созед: порчаи картон ё фанерро интихоб карда, дар рӯйи он ҷойгиршавии қаторҳои дарахтонро муайян кунед. Имкон доред, дарахтонро ин тавр тасвир намоед (расми 2).



Расми 2

**Шакли дуюмр** метавонед бо ёрии рангҳои моеъ тасвир созед. Масалан, пешакӣ аз пораҳои варақ дар рӯйи онҳо расми дилхоҳамонро (бешаро) мекашем. Баъди хушк шудани тасвирҳо, аз рӯйи тартиби зерин онҳоро ҷобаҷо мегузорем (расми 3).

Акнун бо маслиҳати омӯзгор тасвири бешазор ё ин ки тасвири манзараро аз рӯйи расм тасвир намоед.

Тартиби корро сода нишон диҳед.



Расми 3

# ДАРСИ 23
## СОХТАНИ АСБОБИ ОРОИШӢ. ЧАТРИ ГИРДИ ЧАРОҒИ БАРҚӢ

Расми зеринро аз назар гузаронед.



Расми 1

Чунин асбобро бо ёрии доираҳо сохтан мумкин аст. Чор доирачаи якхела тайёр кунед (расми 2).



Расми 2

Доирачаи якумро ба 8 ҳисса тақсим намуда, аз онҳо ҳиссаи 8-умро ҷудо кунед (расми 3) ва қисми якуми асбобро созед (расми 4).



Расми 3

Аз доирачаи дуюм ду ҳисса ҷудо карда, қисми дуюми асбобро созед.



Аз доирачаи сеюм се ҳисаашро бурида, қисми сеюмро созед (расми 5).



Расми 4



Расми 5

Ҳар як қисмро бо коғазҳои ранга оро диҳед ва асбобро созед.

# ДАРСИ 24
## ШОХЧАИ ГУЛ

Расми зеринро аз назар гузаронед.



Расми 1

Чунин шохчаи гулро (расми 1) аз коғазҳои рангаи тунук ба тариқи зерин сохтан мумкин аст.

1. Тайёр кардани тасмачахои коғазин ва дар онҳо буридани раҳҳо (расми 2).



Расми 2

2. Интихоби шохчаи мувофиқ ва дар он печонидани тасма-

чаи тайёркардашуда (расми 3).



Расми 3.

Бо ёрии шохчаҳои мувофиқи тайёркардаатон тирезаҳои синфхонаҳоюхонаатонро оро диҳед.

# ДАРСИ 25
# ТАСВИРИ ГУЛ ВА БАРГ

Ҳар як тасвир бо қонуният ва ҷиҳатҳои бадеии худ зебу зинати тасвирро афзун менамояд. Чунин зебоӣ дар тасвири гулҳо, баргҳо ва ашёи гуногун ҳастанд, ки дар корҳои амалӣ истифода мебаранд.

Барои дуруст тасвир намудани гул ва барг дар навбати аввал бо хатҳои ёрирасон онро дар рӯйи коғаз дар шакли аслиаш моҳирона тасвир намоед. Кӯшиш кунед, ки тасвири гулу барг аз ҷиҳати композитсия хеле зебо иҷро гардад.

Дар мавриди бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки гуногунӣ ва ҳамоҳангии рангҳо дар тасвир ба вуҷуд оянд. Тасвирро тарзе ба анҷом расонед, ки зебогии рангҳо равшан ба назар расанд.



Расми 1



Расми 2



Расми 3

# ДАРСҲОИ 26-27

## АЗ РӮЙИ КОНСТРУКСИЯ СОХТАНИ МОДЕЛИ ПЛАНЁР

Планёр аз ҳавопаймо чӣ фарқ дорад? Ба расми зерин нигаред ва муайян кунед, ки оё онро планёр номидан мумкин аст? Он аз қисми зерин иборат аст:

1. Кабина
2. Қанотҳо - болҳо
3. Элерон
4. Фюзелаж
5. Стабилизатор
6. Рули баландӣ
7. Кил
8. Рули гардиш

Планёр ҳавопаймои бемотор мебошад. Он худ аз худ аз майдон парвоз карда наметавонад. Онро ҳавопаймо ба ҳаво мебарорад. Планёр чун паранда дар ҳаво ба воситаи қанотҳояш меистад, ба қанотҳояш такя карда парвоз мекунад. Барои идора кардани парвози планёр дар қисми қафояш қанотчаҳо (стабилизатор) васл мекунанд.

Шакли одии планёрро метавонед шумо ҳам созед.

Планёрро аз картон сохтан мумкин аст.

Фюзелаж ва кабинаро метавонед дар шакли конус сохта, бо ҳам пайваст кунед.

Қанотҳо, стабилизатор, рули гардишро низ ҷудо сохта, пайваст намудан мумкин аст.



# ДАРСИ 28

## САНЪАТИ ҲАЙКАЛТАРОШӢ

Ҳайкалтарошӣ санъати хеле қадимист. Ин навъи санъат дар тамоми гӯшаю канори сайёраи Замин ташаккул ёфтааст. Аз он ҷумла, дар Суғд, Бохтари Ховарзамин ба санъати ҳайкалтарошӣ ҳанӯз аз давраҳои қадим тавачҷуҳ зоҳир мекарданд. Бозёфтҳои харобаҳои Панҷакент, Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш ва дигар ноҳияҳои Тоҷикистон ба ин мисол шуда метавонанд.

Масалан, дар байни бозёфтҳои Панҷакенти бостонӣ ҳайкалчаҳое дида мешаванд, ки раққосадухтари суғдиро таҷассум

намудаанд. Ё ин ки аз мавзеи Аҷинатеппа  муҷассамаи Буддо ёфт шудааст. Дарозии ин муҷассама 12 метр буда, ба асри VII тааллуқ дорад.

Санъати ҳайкалтарошӣ басо меҳнатталаб буда, аз мутахассисони ин соҳа малакаю  маҳорати махсусро талаб мекунад. Ҳайкалу пайкара ва нимпайкараҳо аз фулуз, хоросанг, мармар, гили кулолӣ сохта мешаванд.

Дар бисёр кӯчаю хиёбонҳои Душанбе пайкараҳои мутафаккирони бузург гузошта шудаанд, ки ба симои меъмории шаҳр ҳусни тоза зам менамоянд. Аз қабили ҳайкалҳои бошукӯҳу боҳашамат – ҳайкали сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Маҷмааи  Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон бо пайкараи Исмоили Сомонӣ дар Майдони Дӯстии  пойтахт мебошанд.





# ДАРСИ 29

## СОХТАНИ БОЗИЧАҲОИ МУЛОИМ

Вобаста ба мазмуни ҳикояву афсона ва нақлу суҳбатҳои шунидаатон хӯсаи «қаҳрамон»-ро созед.

Масалан, мувофиқи матни «Хазандаҳо» хӯсаи сангпуштро ин тавр сохтан мумкин аст (расми 1):




Ду порча матоъ гирифта, мувофиқи расми 1 шакли сангпуштро буред. Ба ковокии порчаҳо пахта ҷой карда, пас канораҳоро дӯзед (расми 2). Ба ҷойи чашм тугмаро истифода кунед.

## ДАРСҲОИ 30-31
## ЧАРОҒАКИ СОЛИНАВӢ ВА ОРОИШИ ОН

Ҳар яки шумо дар дил орзу доред, ки дар ороиши чароғаки солинавӣ ширкат варзед. Барои мароқовару аниқ кашидани нақшҳои ороишӣ аз воқеияти атроф, доираи ҷаҳонбинӣ ва тахайюлоту тасаввурот васеъ истифода баред, то ин ки ҳунари зебою рангинатон ба тамошобинон маъқул шавад. Дар ороиши сужетҳо шаклҳои ҳайвону парандаҳоро аз коғази ранга сохтан мумкин аст. Қисмҳои алоҳида бо ранги гуаш ороиш диҳед.





# ДАРСИ 32
## РӮЗИ ОМӮЗГОРОН

Аз вараќи албом ва коғазҳои ранга, мувофиқи расмҳои зерин, картагул сохта, устодонатонро ба муносибати Рӯзи омӯзгорон табрик созед. Аввал, қисми асосии картагулро тайёр намоед. Сипас рамзи гулхан (оташ), навдабаргҳо ва нишонаҳоро алоҳида бурида, ба қисми асосӣ часпонед.



Расми 1



Расми 2

# ДАРСИ 33

## СОХТАНИ ФОНУСЧАҲО

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед.



Расми 1

Оё шумо чунин фонусчаҳоро сохта метавонед? Онҳоро ин тавр сохтан мумкин аст:



Расми 2

Шумо имконият доред, андоза ва нақшу нигорро мувофиқи хоҳиши худ интихоб намоед.



Расми 3

# ДАРСҲОИ 34-35

## МОДЕЛИ КРАНИ БОРБАРДОР

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед.



Расми 1



Расми 2



Расми 3

Оё чунин кранҳои борбардорро дидаед?
Бо ёрии онҳо кадом корҳоро иҷро мекунанд?
Қисмҳои кранро номбар кунед.
Аз рӯйи нақшаи зерин кран созед:



Расми 4

Қисмҳоро мувофиқи крани дар расми чоруми тасвирёфта ҷобаҷо гузоред.

# ДАРСИ 36

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ КӮҲСОР

Азбаски сарзамини мо кӯҳсор аст, ҳар як хонанда кӯшиш менамояд, ки манзараҳои зебои диёрамонро бо як маҳорат ва ҷустуҷӯю эҷодкорӣ ин мавзӯъро тасвир намояд. Барои дуруст тасвир намудани манзара аз тасвири зерин истифода баред.

Барои пурмазмун иҷро намудани кори амалӣ бо рангҳои бунафш, кабуд, гулобӣ ва ғайра рангҳоро, ки дар натиҷаи омехташавии рангҳои рангнигорӣ ба амал меоянд, дар расм тасвир намоед.



Расми 1



Расми 2



Расми 3

# ДАРСИ 37

## НАТЮРМОТ. КАШИДАНИ РАСМ АЗ АСЛ. АСБОБҲОИ ДУРЕДГАРӢ

Асбобҳои дуредгариеро, ки барои тасвир истифода мебаред, тавре гузоред, ки композитсияро ҳамаҷониба пурра гардонад. Дар вақти кашидани расм аввал фарқи таносуби ашёро тасвир кунед. Сипас бо рангҳои аслӣ корро ба анҷом расонед.





# ДАРСИ 38

## АЗ ГИЛ Ё ПЛАСТИЛИН СОХТАНИ ЗАРФҲО

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед (расмҳои 1, 2, 3) ва ба сохтани зарфҳо омода шавед. Шумо метавонед, монанди ин расмҳо ва ё эҷодкорона зарф созед.


Расми 1


Расми 2


Расми 3

Баъдан зарфҳоро ороиш диҳед.

Агар зарфҳои сохташуда аз пластилин бошанд, онҳоро метавонед дарҳол ороиш диҳед. Аммо зарфҳои аз гил сохтаро баъд аз хушк ва тайёр шудан бояд ороиш дод.

## ДАРСИ 39

## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ МОҲИҲО

Шумо, бачаҳо, барои тасвир кардани моҳиҳо шавқи зиёд доред. Кӯшиш кунед, ки тасвири шумо олами моҳиҳоро дар бар гирад. Барои дуруст тасвир намудани мавзӯъ ба шакл, ҳаракат, фарқи тобиши рангҳои моҳиҳо диққат диҳед, то тасвири моҳиҳо образеро аз ҷиҳати ҳамбастагии рангҳо дар об ва ҳам манзара пурмазмуну образнок бошад, ки зебоии олами моҳиҳо дар расм намоён гардад.



Расми 1



Расми 2



Расми 3



Расми 4



Расми 5

# ДАРСҲОИ 40-41

## ШАКЛСОЗӢ АЗ КОҒАЗ

Шаклҳои қаҳрамонони афсонаҳои хондаатонро аз коғазу картон ин тавр созед, то афсона дар ёдатон монад.

Барои сохтани шакли хурӯсак (расми 1) метавонед аз қуттиҳои гӯгирд истифода баред ё худ чунин қуттичаҳо созед. Нӯл, тоҷ, дум, чашмҳоро аз коғази ранга, пойҳои онро аз картон ё чӯб тайёр кунед.

Агар аз рӯйи афсонаи «Хурӯсак ва рӯбоҳ» шакл сохтанӣ бошед, пас шакли рӯбоҳро метавонед, ин тавр созед (расми 2).



Расми 1 Расми 2

# ДАРСҲОИ 42-43

## ТАСВИР МУВОФИҚИ МАЗМУН. АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Аз мазмуни афсонаҳои халқи тоҷик бо одамони боақлу зебо, пирони хирадманду оқил, ҷавонони ҷасур, девҳои бадҳайбату ҷодугар ва париёни моҳпайкар шинос ҳастед.

Қаҳрамонони асосии ин афсонаҳоро мувофиқи тасаввур дар рӯйи коғаз тасвир намоед. Расмҳоро мувофиқи фаҳмиш эҷод кунед.



Расми 1



Расми 2

# ДАРСҲОИ 44-45

## СОХТАНИ ШАКЛИ ҚАТОРА (ПОЕЗД)

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед:



Расми 1

Қатораҳо аз вагонҳо иборатанд. Шакли вагонҳоро ин тавр сохтан мумкин аст:



Расми 2



Расми 3

Аз чунин вагонҳо қатораҳои боркаш ва мусофиркаш сохтан мумкин аст. Дар вагонҳои одамкаш тиреза илова карда мешавад.

Ҳангоми васли вагонҳои қатораи одамкаш онҳоро сарпоин бояд гузошт.

## ДАРСИ 46

## ПАРВАРИШИ РУСТАНИҲОИ ХОНАГӢ

Кадом гулҳоро дар мактаб ё синф парвариш мекунед? Дар хонаатон чӣ? Барои чӣ зери зарфи гулдонро сӯрох мекунанд? Чаро ба зери хоки зарф сангча ё рег мегузоранд? Зимистон бояд гулҳоро дар куҷо нигоҳ дорем? Оё шумо медонед, ки ба сифати Офтоб аз рӯшании чароғи баркӣ истифода бурдан мумкин аст?



Бо маслиҳати омӯзгор гулу гиёҳи хонагиро аз рӯйи расм тасвир намоед.

## ДАРСИ 47

## ОРОИШИ НАҚШУ НИГОР
## МАВЗӮЪ: НАҚШУ НИГОРИ ГУЛДӮЗӢ

Гулдӯзӣ яке аз санъатҳои қадимӣ мебошад. Ин санъат дар баробари асбобу афзори рӯзгор дар либосҳо низ васеъ истифода бурда мешавад. Махсусан, куртаю тоқиҳои гулдӯзӣ дар бару сари тоҷикон бисёр зебо менамояд. Нақшу нигори ли-

босҳои гулдӯзӣ басе дилрабо мебошанд. Барои ороиши нақшу нигор аз расмҳо истифода баред.





# ДАРСҲОИ 48-49

## АЗ РӮЙИ НАҚША СОХТАН ВА ТАСВИР НАМУДАНИ ХОНА

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед (расмҳои 1, 2, 3).



Расми 1



Расми 2



Расми 3

Аз расму нақшҳо истифода бурда, хона созед (расмҳои 4, 5).
Акнун расми 1, 3-ро бо рангҳои аслӣ тасвир намоед.



Расми 4



Расми 5



Расми 6

# ДАРСИ 50

## ШИНОСОӢ БО АСАРҲОИ РАССОМОН ДАР МАВЗӮИ ИНСОН ВА ТАБИАТ

Зебоӣ ва нафосати рангҳои табиат диққати ҳар як инсонро ба худ ҷалб мекунад. Барои ҳамин, ҳар як рассоми эҷодкор кӯшиш мекунад, ки мусаввараҳои нафисро тасвир намояд. Ин мусаввара амали рассоми эҷодкор Зиёратшоҳ Довудов мебошад, ки «Нафтчиёни Балҷувон» ном дорад.

Аз композитсияи асар маълум аст, ки зебоӣ ва неъматҳои табиатро инсон бо меҳнат ба даст меорад. Дар он манзараи зебою рангини кӯҳистон, мардуми меҳнатқарини он тасвир шудааст. Дар тасвир рассом рангҳои равшани гуногунро истифода намудааст.



Чунин манзараи табиати рангину ҳамешабаҳорро рассом Муриват Бекназаров низ бо як эҳсосоти баланд эҷод намудааст. Дар тасвир одамон дар ҳавои кушод, дар соҳили дарё, сояи дарахт бо табъи хушу чеҳраи хандон дар сари дастархон истироҳат доранд. Дар тасвир гӯсфандпарварони Қубодиён бо як композитсияи хосу рангин акс гаштаанд. Гурӯҳи одамон дар ҳавои соф ва манзараи зебои дилнишин, ки ба инсон ҳаловату хурсандӣ мебахшад, тасвир ёфтаанд. Онҳо орзу доранд, ки доимо дар оғӯши чунин манзараи рангину зери Офтоби дурахшон бошанд. Ин чеҳраҳои дурахшонро рассом бо рангҳои нафис хеле хуб ва бо ҳусну зебои нотакрор акс намудааст.



Ҳар як тасвири манзара зебоии ба худ хосе дорад, ки рассом И. Абдураҳмонов дар композитсияи «Тирамоҳ дар кӯҳсор» тасвир кардааст. Дар тасвири ин манзара рассом табиати рангини кӯҳсорро бо ҳунари баланд акс намудааст. Дар он манзараи як гӯшаи кӯҳистон бо нишебиҳои кӯҳу дарёҳои рангини печ дар печаш тасвир ёфтааст. Дар соҳили дарё пайраҳае ҳаст, ки аз байни деҳа ба деҳаҳои ҳамсоя гузашта меравад. Рассом ба воситаи рангҳои заррину бунафш манзараи тирамоҳи заррину кӯҳсорро хеле пурмазмуну рангин ва моҳирона тасвир намудааст, ки ин аз ҳунари волову баланди ӯ гувоҳӣ медиҳад.

## ДАРСИ 51

## СОХТАНИ ҶИСМҲО АЗ НАЙЧАҲО

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед (расмҳои 1, 2, 3).



Расми 1



Расми 2



Расми 3

Пай бурдед, ки шаклҳои тасвирёфтаро чӣ тавр месозанд? Онҳо аз найча сохта шудаанд. Найчаҳоро бо роҳи печондан

ба мехча (расми 4) ҳосил кардан мумкин аст. Баъд имконият доред, онҳоро ба симе гузаронед ва сӯроххҳои дилхоҳатонро созед.



## ДАРСҲОИ 52-53
## СУРОБСОЗӢ АЗ РӮЙИ МАВЗӮЪ

Расми зеринро аз назар гузаронед (расми 1).



Расми 1

Аз расми 1 истифода бурда, қолаби «Фермаи мурғпарварӣ»-ро созед.

Дар сохтани суробҳо ҷисмҳои табиӣ: тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гулу пластилинро истифода баред.

Бо ёрии чунин ҷисмҳо (расми 2) имконият доред, манзараи дилхоҳатонро созед. Масалан, ин тавр:



Расми 2

## ДАРСҲОИ 54-55

## ХАЁЛОТ ВА ТАСВИР.
## МАВЗӮЪ: ТАСВИРИ ШИКОРЧӢ

Тавассути нақлу ҳикояҳои калонсолон ва тамошои филмҳо бо амалиёти шикорчиён, шояд шинос бошед. Мувофиқи дидаю шунида ва расмҳои зерин шикорчиро тасвир намоед. Тасвирро аввал бо хатҳои муваққатӣ ичро карда, сипас пурра созед.





# ДАРСИ 56

## СОХТАНИ ҚУТТИҲО

Қуттиҳои дар расм бударо аз назар гузаронед (расмҳои 1, 2, 3, 4, 8).



Расми 1



Расми 2



Расми 3



Расми 4



Расми 5

Мувофиқи расмҳо қуттӣ сохта ороиш диҳед.

# ДАРСИ 57

## ТАСВИРИ САБЗАВОТ

Ба дуруст тасвир намудани шакл, рангҳои аслии ашё ва хусусиятҳои тобиши рангҳо, ки аз рӯшноӣ тағйир меёбанд, диққат додан лозим аст. Кӯшиш намоед, ки тасвири сабзавот зебо ва ба аслаш мувофиқ акс гардад.

# ДАРСҲОИ 58-59

## АЗ РӮЙИ КОНСТРУКСИЯ СОХТАНИ МОДЕЛИ ТРАКТОР

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед (расмҳои 1 ва 2).



*Расми 1*



*Расми 2*

Бо ёрии трактор кадом корҳоро иҷро мекунанд? Трактори тасмачарх аз чорчарха чӣ фарқ дорад? Қисмҳои тракторро номбар кунед.

Аз нақшаҳои зерин истифода бурда, трактор созед.



# ДАРСҲОИ 60-61

## ТАСВИРИ МАНЗАРА.
## МАВЗӮЪ: ГУЛҲОИ НАВРӮЗӢ

Баҳор айёми шукуфтани гулҳо ва оғози кишту кор аст. Дар ин рӯзҳо барои тамошо ва чидани гулҳо ба талу теппаҳо меравед. Ба манзараи гирду атроф назар андозед. Гулҳо чӣ гуна ранг доранд? Ба замини сабзу гулпӯш ва табиати рангин эътибор диҳед. Сипас, ба тасвири гулҳо бипардозед. Онҳоро тавре тасвир намоед, ки равшантар намоён шаванд. Гулҳоро бо рангҳои сурх, нофармон, гулобӣ, норинҷӣ, зард тасвир кунед. Гӯё гулҳо аз рангорангӣ ва зебоии табиат бо навозиши форами най таронаи баҳорӣ мехонанд.

### БАЗМИ ЛОЛА

Дар кӯҳу дашту саҳро
Шуд базми лола барпо.
Ҳай-ҳай, чӣ хуш баҳор аст,
Ҳай-ҳай, чӣ лола зебост!

*Нуъмон Розиқ*



*Расми 1*



*Расми 2*



Расми 3

# ДАРСҲОИ 62-63

# СОХТАНИ ҚОЛАБИ «БОҒ»

Расми зеринро аз назар гузаронед.



*Расми 1*

Дар боғи маҳалла ё мактаби шумо кадом навъи меваҷот ҳаст? Кадом меваҳо ғӯра бастаанд? Оё дарахти тут вуҷуд дорад? Онҳо нишонаи пухтан додаанд? Олучаҳо чӣ?

Шумо имконият доред, ки боғатонро дар шакли қолаб созед. Пеш аз ҳама, масолеҳи зеринро муҳайё созед: картон, коғаз, чӯбчаҳо (шохча), пластилин, ранг ширеш ва ғайра. Тартиби сохтани қолаб: порчаи картони андозааш 60x40см интихоб карда, ба рӯйи он ранги сабз молед (расми 2).



Расми 2

Пас коғазҳои одӣ ё ранга (қаҳваранг)-ро ба канори он ширеш кунед (ба рамзи теппа) (расми 3).



*Расми 3*

Акнун, дар рӯйи картон хатҳои ёрирасонро ишорат намуда, шохчаҳоро пай дар пай бо гил ё пластилин часпонед (расми 4).



Расми 4

Аз пахта истифода бурда, шохчаҳоро бо муғҷаҳо оро диҳед. Макети сохтаатон рамзи боғи гулпӯшро мегирад.

Ба ҷойи шохчаҳо метавонед макетро аз коғаз ба таври зерин бисозед расми 5.



Расми 5

# ДАРСИ 64

## КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ ПАРВОЗИ ПАРАНДАГОН

Шумо тасвири парандагонро хеле дӯст медоред. Кадом паранда ба шумо бештар маъқул аст? Расми онро дар ҳолати парвоз ё ин ки дар ҳолати дар шохи дарахтон нишастан кашед.

Акнун, кӯшиш кунед, ки композитсияро пурқувват, рангин тасвир намоед. Ҳангоми тасвир аз расмҳо истифода баред.





Расми 1 Расми 2






# ДАРСҲОИ 65-66
## ТАСВИРИ КИШТУКОРИ БАҲОРӢ

Шароити маҳал ва мактабро ба ҳисоб гирифта, барои кишт тухмиҳои дилхоҳатонро интихоб намоед. Дар навбати аввал, тайёр кардани замин, муҳайё намудани тухми кӯчатҳо ва интихоби нуриҳоро аз хотир набароред.

Кӯшиш намоед, ки тасвири манзараи киштукори баҳорӣ, деҳаи кӯҳистон дар фасли баҳор, сабзиши гулҳо ва рустаниҳо дар асл тасвир гардад. Ин амалро аз рӯйи расм иҷро намоед..



Расми 1



Расми 2



Расми 3

# ДАРСИ 67

## ТАСВИР АЗ АСЛ.
## КӮЗА БО ГУЛ

Ҳангоми кашидани расм варақи коғазро ба таври амудӣ (вертикалӣ) гузоред. Расмро бо хатҳои ёрирасон, ки ба шакли аслии мавод мувофиқ аст, тасвир намоед. Кӯшиш кунед, ки тарзи ҷойгиршавӣ ва хамшавии навдаи гулҳо дар расм ҳамаҷониба рангину мароқовар тасвир карда шавад.

Тасвирро аз шакли умумӣ сар карда, норасоиҳоро дар расм ислоҳ намоед. Сипас, рангҳои мувофиқро дар рангомез (палитра) омехта карда, бо мӯқалам дар расм гузоред. Рангҳои гулҳоро ба таври обакӣ гиред. Чунин амал шаффофии рангро нигоҳ медорад. Акнун, барои фарқи рангҳо тасвири торикиро баландтар ва сояро мувофиқи шакли мавод дар расм нишон

диҳед. Агар расмро бо рангҳои аслӣ ба анҷом расонед, он хеле зебо мебарояд.

Аз расмҳои 1, 2, 3, 4 истифода бурда, тарзи кашидани тасвири кӯза бо гулро интихоб кунед.



Расми 1



Расми 2



*Расми 3*



*Расми 4*

# ДАРСҲОИ 68-69

## СОХТАН ВА ТАСВИР НАМУДАНИ ШАПАЛАК

Шапалакҳо яке аз мавҷудоти зиндаи зеботарин ба шумор меравaнд. Онҳоро дар ҳама ҷо вохӯрдан мумкин аст.

Аз рӯйи ҳамин зебоиашон одамони Рими қадим ба ривояте, ки шапалакҳо аз ранг ва гули зебои рустаниҳо пайдо шудаанд, боварӣ доштанд. Дӯстдорони шапалакҳо дар тамоми дунё бисёранд.

Барои сохтани шапалак дар аввал ду ранги дилхоҳатонро интихоб намуда, варақҳоро қат кунед ва шакли аслии шапалакро тасвир кунед. Барои иҷрои кор аз расм истифода баред.

Аз рангҳои дигар истифода бурда шапалакро ороиш диҳед. Қисмати бадан ва ҷисмҳои шапалакро ҷудогона созед. Ҳар яки шумо метавонед аз қобилияти эҷодӣ истифода баред ва иҷрои корро моҳирона ба анҷом расонед.



Расми 1



Расми 2



Расми 3



Расми 4



Расми 5



Расми 6

# ДАРСИ 70

# ТАСВИР ВА СОХТАНИ ГУЛИ ОФТОБПАРАСТ

Гули офтобпараст яке аз назаррастарин гул буда, рамзи гармӣ, офтоб ва хурсандӣ мебошад.

Гули офтобпараст офтобро бисёр дуст медорад, ҳамин, ки офтоб барояд рӯяшро тарафи офтоб гардонида, шоду шукуфон мегардад.

Тасвири гулро аз кашидани давраи калон оғоз карда, сипас поя ва баргро илова кунед. Дар гирди давраи калон баргҳои гулро пайи ҳам ва зебо тасвир кунед.

Ҳангоми ранг кардан аз рангҳои зард, норинҷӣ, қаҳвагӣ ва сабз истифода кунед.

Сохтани гули офтобпарастро аз буридани давраҳо, шохи гул ва барг оғоз намуда, корро аз рӯйи расм иҷро намоед.



Расми 1



Расми 2



Расми 3

## НАМОИШИ КОРҲО

Бо маслиҳат ва роҳбарии омӯзгор намунаи беҳтарини корҳои дар давоми сол тайёркардаатонро ба намоиш гузоред. Имконият доред, намоишро дар даромадгоҳи синфхона ташкил кунед, ба шарте ки дар синхона намоиш ташкил карданӣ бошед. Пас, аз расми зерин истфода бурда, корҳоятонро ҷобаҷо гузоред.








**Кор бо матоъ. Кор бо коғаз. Кор бо ҷисмҳои гуногун.**

# ТАВСИЯ

# БА МАВЗӮИ КОРҲОИ АМАЛӢ





























# БО НАМУДҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ШИНОС ШАВЕД

## Санъати наққошӣ



*Рақибов Карим «Баҳор»*

Санъати рангнигорӣ



*Умаров Ахмед.* **«Чеҳраи Фотима»**

Санъати рангнигорӣ



*Бекназаров Мурават «А. Лоҳутӣ ва М. Турсунзода» с.1981*

Санъати манзаранигорӣ



*Расулов Ҷалил.* «**Ҳазора**»



*Саврасов Алексей.* «**Шӯрнӯлҳо парида омаданд**»



*А.Т. Бесперстов. «***Нисфирӯзӣ***»*



*Одинаев Валимад.* «**Суруд» с1980**

## Санъати манзаранигорӣ



*Бекназаров Муриват.* **«Аспҳои озод»**



Одинаев Бахтиёр. «**Нимрӯзӣ**»



*Одинаев Бахтиёр.* «**Натюрморт**»









## МУНДАРИҶА

Дарси 1. Мавод ва асбобҳои корӣ....................3
Дарси 2. Саёҳат....................4
Дарсҳои 3-4. Сохтани шакли парандаҳо ва кашидани расми онҳо....................5
Дарси 5. Тасвири манзара....................6
Дарсҳои 6-7. Сохтани мизу курсӣ бо ороиши нақшу нигори миллӣ....................7
Дарси 8. Корҳои ороишӣ. Ангораи сӯзанӣ....................9
Дарсҳои 9-10. Сохтани асбоби таълимии «Сарсутун (Абак)-и забон»....................11
Дарсҳои 11-12. Натюрмот. Китоб ва барг....................12
Дарси 13. Тӯрбофӣ....................13
Дарси 14. Ҷамъоварии ҳосил....................15
Дарси 15. Бо рассом шинос мешавем....................17
Дарсҳои 16-17. Аз рӯйи нақша сохтани модели экскаватор...18
Дарсҳои 18-19. Тасвири меваҳо....................20
Дарсҳои 20-21. Саёҳат. Тасвири манзараи атроф....................24
Дарси 22. Сохтани бешазор....................25
Дарси 23. Сохтани асбоби ороишӣ. Чатри гирди чароғи баркӣ....................27
Дарси 24. Шохчаи гул....................29
Дарси 25. Тасвири гул ва барг....................30
Дарсҳои 26-27. Аз рӯйи конструксия сохтани модели планёр.32
Дарси 28. Санъати ҳайкалтарошӣ....................33
Дарси 29. Сохтани бозичаҳои мулоим....................35
Дарсҳои 30-31. Чароғаки солинавӣ ва ороиши он....................36
Дарси 32. Рӯзи омӯзгорон....................38
Дарси 33. Сохтани фонусчаҳо....................39
Дарсҳои 34-35. Модели крани борбардор....................40

Дарси 36. Тасвири манзараи кӯҳсор........................................42
Дарси 37. Натюрморт. Кашидани расм аз асл. Асбобҳои дуредгарӣ........................................................................................43
Дарси 38. Аз гил ё пластилин сохтани зарфҳо..........................43
Дарси 39. Эҷодкорӣ дар мавзӯи моҳиҳо...................................44
Дарсҳои 40-41. Шаклсозӣ аз коғазу картон.............................45
Дарсҳои 42-43. Тасвир мувофиқи мазмун. Афсонаҳои халқи тоҷик......................................................................................46
Дарсҳои 44-45. Сохтани шакли қатора (поезд).........................47
Дарси 46. Парвариши рустаниҳои хонагӣ.................................48
Дарси 47. Ороиши нақшу нигор. Мавзӯъ: нақшу нигори гулдӯзӣ.........................................................................................48
Дарсҳои 48-49. Аз рӯйи нақша сохтани шакли хона................50
Дарси 50. Шиносоӣ бо асарҳои рассомон................................51
Дарси 51. Сохтани ҷисмҳо аз найчаҳо......................................53
Дарсҳои 52-53. Суробсозӣ аз рӯйи мавзӯъ...............................54
Дарсҳои 54-55. Хаёлот ва тасвир..............................................55
Дарси 56. Сохтани қуттиҳо........................................................57
Дарси 57. Тасвири сабзавот........................................................57
Дарсҳои 58-59. Аз рӯйи конструксия сохтани модели трактор.58
Дарсҳои 60-61. Тасвири манзара...............................................59
Дарси 62-63. Сохтани қолаби «Боғ» .........................................60
Дарси 64. Композитсия дар мавзӯи парвози парандагон.......63
Дарсҳои 65-66. Тасвири киштукори баҳорӣ.............................65
Дарси 67. Тасвир аз асл..............................................................66
Дарсҳои 68-69. Сохтан ва тасвири намудани шапалак............68
Дарси 70. Тасвир ва сохтани гули офтобпараст.......................70
Намоиши корҳо..........................................................................71
Тавсия. Ба мавзӯи корҳои амалӣ...............................................73
Бо намудҳои санъати тасвирӣ шинос шавед............................83

БОЙНАЗАРОВ БОЙНАЗАР, ДОВУТОВА МЕҲРАНГЕЗ,
ҲАЛИМЗОДА ДАВЛАТБЕК, РАҶАБАЛИЕВА ГУЛЧЕҲРА

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Китоби дарсӣ барои синфи 4-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррир: | Н. Б. Сарфароз |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Рассом | М. Довутова |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 30.11.2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 70х90 $_1/^{16}$. Ҷузъи чопӣ 6.0
Адади нашр 130000 нусха.
Супориши № 167/2018.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар чопхонаи ҶДММ "Мега-принт"
чоп шудааст.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 36.
Телефон: (992) 37-880-22-73